**Суратмаҷлиси № 28**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022

аз 17 сентябри соли 2021 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 24 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми июни соли 2021, № 241/ҳя оид ба ташкили ҳимояи якдафъаина тасдиқ гардидааст, 18 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 6 нафарашон доктор ва номзадони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои Шӯро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шӯро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Оид ба тағйир додани санаи ҳимояи якдафъаинаи докторанти PhD-и кафедраи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Баҳромзода Манижаи Зафаршодухт дар мавзӯи **“Нақши матбуоти даврии тоҷик дар инъикоси ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси Шӯрои диссертатсионӣ баромад намуда, таъкид доштанд, ки мутобиқи Низомномаи нав санаи ҳимояи якдафъаинаи Баҳромзода М. санаи 18.11.2021 гузошта шуда буд. Бо сабаби он ки КОА гузоштани санаи ҳимояро мувофиқи Низомномаи кӯҳна талаб карданд, аз ин ҷиҳат санаи ҳимоя ба 23.12.2021 гузаронида шуд.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Баҳромзода Манижаи Зафаршодухт дар мавзӯи **“Нақши матбуоти даврии тоҷик дар инъикоси ташаббусҳои глобалии**

**Тоҷикистон марбут ба об”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода –** доктори илми филология, профессори кафедраи журнадистикаи телевизион ва радиошунавонии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода»;

- **Раҳимҷонов Хушдилҷон Умарқулович –** номзади илми филология, сармуҳаррири Муассисаи давлатии маҷаллаи “Илм ва ҳаёт”.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти ҶТ ва чопи автореферат иҷозат дода шавад;

5.Таърихи рӯзи ҳимоя 23.12.2021, соати 13:00 таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илми филология, дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.